# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи “Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Истиқлолияти кишвар ва таҳаввулоти афкори иҷтимоиву сиёсӣ дар ибтидои солҳои навадуми асри гузашта, то ҷое дидгоҳҳои назарӣ ва амалиро оид ба мактабу маориф дигар кард ва дар назди дастандаркорони низоми таълиму тарбия масъалаҳои нав ва хосро гузошт. Дастовардҳои солҳои баъдӣ дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла мактабу маориф хеле назаррас буда, дар замони кунунӣ маориф ҳамчун василае шинохта шуд, ки аз тариқи он миллат ба бедории замир ва худогоҳӣ мерасад. Гузашта аз ин, Консепсияи мактаби миллӣ ва Консепсияи миллии тарбия маҳсули даврони истиқлолият буда, ба ҳамин усули таълиму тарбия содиқ аст ва тадриҷан амалӣ мешавад.

Дар ҳамин замина, баррасиҳо ва таҳқиқоти илмии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи “Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” аз ҷолибтарин масъалаҳоест, ки ин матлаб дар рушду тавсеаи фарҳангу маориф муассир тараққӣ мегардад. Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб бо зерфаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст. Фишурдаи рисола ҳамаи масъалаҳои сохтории рисоларо фаро гирифтааст.

Дар муқаддимаи фишурдаи рисола аҳаммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхташавии мавзуъ, мақсад ва вазифаи таҳқиқи мавзуъ, метод ва методологияи таҳқиқи мавзуъ, сарчашма ва объекти таҳқиқи мавзуъ, предмети таҳқиқот, навоварии рисола, арзиши назариявӣ ва амалии мавзуъ, апробатсияи рисола ва сохтори он пурра ифода ёфтааст.

Дар қисмати муҳтавои асосии диссертатсия бобу фаслҳои рисола ба таври муфассал шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Боби якуми рисола **“Асосҳои назариявӣ–методологии бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ”** унвон дошта, дар он муҳаққиқ оид ба вазъи замон ва таъсири онҳо ба равандҳои фарҳангӣ, илмӣ ва таълимӣ андешаҳои судманд ироа намудааст.

Ҳангоми баррасӣ ва таҳқиқи ин мавзуъ ба пажуҳшҳои боэътимоди ватаниву хориҷӣ муроҷиат карда, бо истифода аз методи муқоисаи таърихӣ бардошт ва афкори хешро саҳеҳ ва дуруст ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни фаъолияти шахс зимни тадриси суруд ва мусиқӣ дар таҳқиқоти унвонҷӯ бо истифода аз роҳу усулҳои муосири таълим бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши хонандагон аз мусиқӣ ва ҳисси зебоипарастии онҳо ба вуҷуд меояд. Ин раванд тадриҷан бо ҳамкории мустақили омӯзгору хонанда дар баргузории дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо баҳрабардорӣ аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ сурат мегирад, ки ин нукта дар матни рисола ба таври васеъ ва густурда дарҷ гардидааст.

Боби дуюми рисола **"Ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ"** ном гирифта, дар он бо баргузор намудани озмоиши педагогӣ дар се давра миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дараҷаи рушди низоми салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар муҳассилини гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ нишондиҳандаҳои маълумоти бадастомада ташхис ва муайян карда шудааст.

Натиҷаҳое, ки пас аз давраи озмоишӣ дар муассисаҳои таълимӣ доир гардидааст, бо вуҷуди мусбат арзёбӣ гардидан муаллиф ба он назар аст, ки муттасил корҳои ислоҳотиро барои тақвият бахшидан ба такомули маҳорату малакаи хонандагон роҳандозӣ намудан лозим ва зарур аст. Зеро ин шакли бархӯрд бо салоҳиятҳои хонандагон зимни дарси суруд ва мусиқӣ рағбату алоқаи онҳоро ба ин фан афзун намуда, фаҳму дарк ва тафаккуру таассуроташро нисбат ба нозукиҳои мусиқӣ мустаҳкам мекунад.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷа ва мулоҳизаҳои худро муфассал баён дошта, бозиҳои мусиқӣ-дидактикиро дар ташаккули ҳаматарафаи шахсияти кӯдакон талқин ва таъйид намудааст. Мусиқӣ шахсро ба эҷодкорӣ раҳнамоӣ сохта, ба парвариши истеъдоду завқи зебоипарастии хонандагон мусоидат мекунад. Тавсияҳои ироанамудаи муҳаққиқ дар роҳи салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ арзиши муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

Тазаккур бояд дод, ки мундариҷаи асосии рисола дар се мақолаи илмие, ки дар феҳристи мақолаҳои навишташудаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст, ки ин таълифоти банашррасида мазмун ва муҳтавои фишурдаи рисоларо дар худ таҷассум кардаанд. Аз ин лиҳоз, метавон муҳтавои рисолаи мазкурро аз рӯи маводи пажуҳишӣ ва ҳалли амиқи масъалаҳои мавриди таҳқиқ тадқиқоти илмии анҷомёфта арзёбӣ кард.

Автореферат бо забони равони илмӣ навишта шуда, дар он мазмун ва муҳтавои рисолаи номзадӣ пурра сабт гардидааст ва ба талаботҳое, ки дар

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-ноябри соли 2016 оид ба додани унвони илмии номзади илм ва доктори илм тасдиқ карда шудааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе 73А, хиёбони Борбад, Телефон: (+992 37) 231-18-27; Почтаи электронӣ: tajartins@yandex.com", www.ddst.tj

номзади илмҳои педагогӣ,
муовини ректор оид ба корҳои
эҷодӣ Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода Хайруллозода Б.Х.

Имзои Хайруллозода Баҳруллоро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода Ҳамидова З.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ